**ПРОТОКОЛИ №83**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**

**29 ноябри соли 2025** **ш. Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро, 14 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, таҳти №225/шд) тасдиқ гардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, аъзои шуро Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д., ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҷалолов Х.Ғ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Абдусаломзод Некруз Абдусалом дар мавзуи «Роҳзанӣ: масоили танзими ҳуқуқи – ҷиноятӣ ва бандубасти он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

- **Аҳёзода Шохрух Табарукшо** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти, кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 14 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Қарор якдилона ҷонибдорӣ гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**